“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Директори МТД “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд”
____________ Ҷалилзода А.А.
“___”____________ 2025с.

# ХУЛОСАИ
# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД”

Диссертатсияи унвонҷӯ Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович дар мавзуи “Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01. – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисодиёти сиёсӣ)) дар кафедраи назарияи иқтисоди Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” ба иҷро расидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович унвонҷӯйи кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (қарори Шурои олимони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз санаи 29-уми декабри соли 2021, суратҷаласаи №5) ба ҳисоб мерафт.

Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович соли 1994 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ба номи Нурулло Ҳувайдуллоев, ноҳияи Аштро хатм намудааст.

Номбурда дорои маълумоти олӣ буда, соли 1999 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро аз аз рӯйи ихтисоси иқтисодчӣ бо тахассуси менеҷмент хатм намудааст.

Ҷамолиддинов С.Р. фаъолияти меҳнатии худро соли 1999 ба ҳайси

ассистенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оғоз намудааст. Сипас, соли 2006 бо тариқи гузариш ба вазифаи муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” интиқол гардида, то соли 2018 фаъолият намудааст. Аз моҳи апрели соли 2018 то ҳол ба вазифаи ҷонишини декан оид ба таълим, эдвайзери факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи донишкадаи мазкур гузариш намуда, фаъолият дорад. Дар ин муҳлат унвонҷӯйи илм ба таҳқиқоти илмӣ машғул гардида, дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ, инчунин семинарҳои илмӣ фаъолона ширкат варзидааст.

Тибқи қарори Шурои олимони донишкада аз 29-уми декабри соли 2021, суратҷаласаи №5 мавзуи диссертатсияи унвонҷӯй Ҷамолиддинов С.Р. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01. – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисодиёти сиёсӣ)) бо номи “Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Газибеков Садриддин Арсланбекович.

Муқарризони расмӣ дар муҳокимаи диссертатсияи илмии унвонҷӯй Ҷамолиддинов С.Р. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01. – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисодиёти сиёсӣ)) маҳсуб меёбанд:

- Азимов А.Ҷ. – д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд;

- Баратова Н. - н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд;

- Маҷидов А. - н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.

Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи "Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)", чунин хулоса қабул карда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Кори диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзуи "Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба яке аз муаммоҳои муҳими иқтисодӣ – ташаккули асосҳои назариявии рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (бозори молҳои истеъмолӣ) махсуб ёфта, ҳамзамон бо забони илмии тоҷикӣ навишта шудааст, ки таҳқиқоти мукаммали илмиро ифода мекунад, ба ҳисоб меравад. Аз тақризи муқарризони соҳа, инчунин аз муҳокимаҳо бармеояд, ки мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи илмӣ иҷро гардида, хулосаҳо ва пешниҳодҳо асоснок карда шудаанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва гузариш ба модели истеҳсолоти пасоиндустриалӣ, рушди устувори иқтисоди миллӣ бе мавҷудияти муҳити солими рақобатӣ ва бозори пурқуввати истеъмолӣ ғайриимкон аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар марҳилаи ташаккули бозори истеъмолкунанда қарор дорад, ки он ба талабот ва хусусиятҳои иқтисоди бозорӣ мутобиқ гардида, ин марҳила бо густариши равандҳои бозорсозӣ, зиёдшавии талабот ба молҳои босифат ва тағйирёбии сохтори иҷтимоиву иқтисодӣ тавсиф меёбад.

Дар чунин шароит, масъалаи таҳкими рақобат ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат табдил ёфтааст. Рақобат на танҳо омили асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва коҳиши арзиши молҳо мебошад, балки воситаи муҳими ҳавасмандгардонии рушди

инноватсионӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Дар диссертатсия категорияи иқтисодии «рақобат» ҳамчун унсури асосии механизми бозорӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ таҳлил гардида, қонуниятҳои ташаккул, рушд ва танзими он дар бозорҳои соҳавӣ мавриди омӯзиши назариявию методологӣ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои бозор, шаклҳо ва усулҳои рақобат, нақши давлат дар танзими равандҳои рақобатӣ ва хусусиятҳои амалишавии қонунҳои умумии иқтисодӣ дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Асосҳои назариявии рақобат, қонуниятҳои ташаккул ва рушди он дар бозорҳои соҳавӣ, хусусиятҳои фаъолияти рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолии миллӣ таҳлил гардидаанд, ки пурра ба доираи масъалаҳои таҳқиқотии назарияи умумии иқтисодӣ мансуб мебошанд.

Бовуҷуди ин, таҳлили вазъи кунунии бозори молҳои истеъмолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки механизмҳои рақобат ҳанӯз пурра ташаккул наёфтаанд. Монеаҳои воридшавӣ ба бозор, мавҷудияти унсурҳои монополистӣ, норасоии инфрасохтори муосири бозорӣ ва сатҳи пасти инноватсия ба рушди самараноки рақобат монеа эҷод менамоянд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи назариявӣ ва амалӣ намудани асосҳои илмии рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ, бо назардошти хусусиятҳои бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот метавонанд барои такмили сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи танзими рақобат, рушди бахшҳои истеҳсолӣ ва тақвияти иқтидори иқтисодии миллӣ хидмат намоянд. Бинобар ин, таҳқиқи назария ва амалияи инкишофи рақобат, таҳияи муносибатҳои методӣ ба арзёбии вазъи бозори молҳои истеъмолӣ дар низоми иқтисодиёти бозорӣ мубрамияти мавзу ва аҳамияти кори диссертатсиониро муайян мекунад.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мазмуни диссертатсияи илмӣ**. Диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб

Рустамҷонович дар мавзуи “Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)): 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунияти рушди муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; ташаккул ва амалкарди сохтору институтҳои иқтисодӣ; назарияи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи талаботи истеъмолӣ; назарияи ташкили бозорҳо; назарияи рақобат ва танзими зиддиинҳисорӣ: 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ, мутобиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ.** Кори диссертатсионии Ҷамолиддинов С.Р. дар доираи татбиқи Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назарияи иқтисоди факултети молия ва баҳисобгирии бухгалтерии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд иҷро гардидааст. Мавзуи таҳқиқоти кори диссертатсионӣ дар робита бо барномаҳои стратегии давлатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши Боби 1., 1.1. Дар самти баландбардории рақобатпазирии иқтисоди миллӣ; 1.4. “Баланд бардоштани самаранокӣ, гуногуншаклӣ ва рақобатпазирии бахши воқеии иқтисодиёт ...”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016 №392 тасдиқ шудааст; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” (аз соли 2017, №5, қ1, мод. 274), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи инҳисороти табиӣ” (аз 18 июли соли 2017, №1460) таҳия гардидааст ва бо дигар барномаҳои рушди соҳавию байнисоҳавӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ робитаи мустақим дорад.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии равишҳои консептуалӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба ташаккул ва мукаммалгардонии асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ мебошад. Дар доираи ин мақсад, равандҳо, омилҳо ва

механизмҳои таъсиррасон ба рушди рақобат дар сатҳи бозори молҳои истеъмолӣ таҳлил гардида, самтҳои такмили назариявӣ ва методологии танзими рақобат асоснок карда мешаванд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба таҳияи моделҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои стратегӣ барои рушди рақобат дар бозори соҳавӣ равона гардидааст, ки татбиқи онҳо метавонад ба баланд бардоштани самаранокии иқтисоди миллӣ ва рушди устувори он мусоидат намояд.

**Объекти таҳқиқот** раванди ташаккули рақобат ва рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ чун қисми соҳаи иқтисодиёти миллӣ мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои рақобатӣ, ки дар раванди рушди бозори молҳои истеъмолии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд, дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия.** Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ғанигардонӣ ва рушди назарияи рақобати бозори молҳои истеъмолӣ, такмили сиёсати самараноки давлатӣ дар соҳаи рақобат, коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои бозор, рақобатпазирии маҳсулот ва таҳкими мавқеи молҳои ватанӣ дар бозори дохилӣ инъикос меёбад.

Ба натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки унсурҳои навгонии илмиро дар бар мегиранд, чунин муқаррарот дохил мешаванд:

- консепсияи назариявии муносибатҳои рақобатӣ низомбандӣ шуда, дар заминаи он асоснок гардидааст, ки дар марҳилаи муосири рушд рақобати ғайринархӣ тадриҷан дар бозори маҳсулоти истеъмолӣ унсури асосии амалкунанда мегардад, ки ба такмили сифати мол ва хизматрасонии баъди фурӯш асос ёфтааст. Асосҳои назариявии танзими давлатии рақобат муайян ва асоснок карда шуда, зарурат ва ҳадафмандии танзими давлатии бозори истеъмолӣ дар сегменти маҳсулоти озуқаворию иқтисодиёти ватанӣ исбот карда шудааст, ки он ба масоили рӯзмарраи ҳалталаб асоснок карда мешавад. Инкишоф ёфтани бахши ғайрирасмӣ, самарабахшии пасти амали институти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ҳамкории ғайриқаноатбахши намояндагони бизнес дар бахши истеъмолӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ,

ҳамчунин бо мақомоти давлатӣ, зиёд будани ҳиссаи табақаи аҳолӣ бо пардохтпазирии паст аз он ҷумлаанд;

- тамоюлоти муосир ва хусусиятҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити амиқрафти муносибатҳои рақобатӣ муайян карда шуданд. Масоили рушди бозори ватании молҳои истеъмолӣ аз рӯи се муносибати меъёрӣ низомбандӣ шудаанд. Аз ҷумла, аз рӯи муносибати индустриалӣ: такмил наёфтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бахши пинҳониро дар бозор танзим мекунанд, набудани стратегияи савдо; муносибати соҳавӣ: суръати сусти афзоиши савдои яклухт, сатҳи пасти ҳамкории байни сохтори хусусӣ ва давлатӣ, набудани тафриқаи бозори истеъмолӣ; муносибати инфрасохторӣ: ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ набудани принсипҳои ташкили савдо, нокифоягӣ ва сатҳи пасти инфрасохтори нигоҳдории мол, технологияи қафомондаи савдо;

- асоснок карда шудааст, ки шиддатнокии рақобатро дар бозори серсоҳаи молҳои истеъмолӣ омилҳои зиёди боздоранда ва мусоидаткунанда муайян менамоянд. Ба омилҳои боздоранда мансубанд: дар мамлакат бозори молҳои истеъмолӣ бо соҳаи кишоварзӣ зич алоқаманд аст, ки он хусусияти майдамолӣ дорад ва дар он хароҷот хеле баланду сатҳи даромаднокӣ паст аст; молҳо дар шакли стандартӣ истеҳсол мешаванд; аксарияти субъектҳо ғайримарказонида шудаанд, ки набудани сарфаи миқёсро ифода месозад; имиҷи тамғаи савдо паст мебошад; стратегияи маркетингӣ вуҷуд надорад; таъсири давлатии инвеститсионӣ, маъмурӣ, андозӣ, берунииқтисодӣ ба субъектҳо вуҷуд дорад, ки шиддатнокии рақобатро дар соҳа коҳиш медиҳад. Ба омилҳои мусоидаткунанда мансубанд: афзоиши талабот ба озуқаворӣ, музди меҳнати миёна, хароҷоти аҳолӣ, афзоиши ҳаҷми хизматҳои пулакӣ;

- афзалиятҳо дар рушди бозори молҳои истеъмолӣ таҳия карда, пешниҳод шудааст, ки ба баланд бардоштани бартариҳои рақобатӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла: ташаккули муҳити мусоиди рақобат барои фаъолияти хоҷагидории бизнес-сохторҳо; ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ, ки ба бозор моли хушсифатро пешниҳод мекунанд; ба вуҷуд овардани инфрасохтори мувофиқ; дар бозори молҳои истеъмолӣ ҷорӣ

намудани навгониҳои технологӣ, ҷараёнҳои инноватсионӣ ва маҳсулотҳои нав.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми масъалаҳои иҷрои нақшаи кори илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзӯъ, тартиб додани нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он, тавсифи мухтасари сарчашмаҳо, таълифи мақолаҳо, ҷамъоварию коркарди нишондиҳандаҳои оморӣ, навиштани диссертатсия бо иштироки бевоситаи муаллиф мустақилона бо назардошти комёбиҳои илми ватанию хориҷӣ оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ сурат гирифтаанд. Ғояҳои асосӣ, муқаррароти назариявӣ, хулосаю тавсияҳои амалӣ, ки дар худ навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии корро таҷассум сохтаанд, шахсан аз ҷониби муаллиф коркард ва пешкаш карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти** диссертатсия дар он аст, ки хулоса ва пешниҳодҳое, ки аз ҷониби муаллиф дар заминаи омӯзиши асарҳо ва таҳқиқотҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин, истифодаи маводи сомонаҳои интернетӣ ва нашрияҳои даврӣ ба даст омадаанд, илман асоснок карда шуда, барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта, бо мақсади таъмини рақобатпазирии бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ равона гардидаанд. Муқаррароти асосии консептуалии назариявии диссертатсия, ки дар намуди муқаррароти илмӣ оид ба ташаккулу танзими асосҳои рақобатии бозори молҳои истеъмолӣ дар соҳаи савдо ироа гардидаанд, метавонанд ба инкишофи назарияи бозорҳои соҳавӣ, назарияи рақобат саҳм гузоранд.

Муқаррароти назариявӣ ва пойгоҳи методии дар раванди таҳқиқи диссертатсионӣ коркард гардида, хулосаҳо ва таклифҳои амалӣ барои танзими бозори молҳои истеъмолӣ метавонанд аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ ва дигар мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияи минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳангоми коркарди барномаҳои минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, метавонанд ҳамчун заминаи таҳқиқотҳои оянда оид ба масоили рушди

асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ мусоидат намоянд ва унсури таконбахши рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар ҷумҳурӣ гарданд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои дар кори диссертатсионӣ гузошташуда, усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, муқоиса, таҳлил ва синтез, графикӣ, эконометрикӣ (коррелятсионӣ-регрессионӣ), экстраполятсионӣ (имтидод) ва дигар усулҳои таҳқиқот бо истифода аз барномаҳои компютерӣ, истифода шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар асоси натиҷаҳои бадастомада, дар рафти таҳқиқоти диссертатсия, аз ҷониби муаллиф чунин муқаррароти илмӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

- асоси назариявии рушди рақобат бо дарназардошти таҳаввулоти таърихии марҳилаҳои ташаккули назарияи рақобат мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар заминаи ин таҳлил таърифи муаллифии рақобат чун ҳамоҳангсозандаи манфиатҳои истеҳсолкунанда, истеъмолкунанда, давлат ва бозор пешниҳод гардидааст. Инчунин, зарурат ва асосҳои илмии танзими давлатии рақобат барои таъмини рушди устувори бозори молҳои истеъмолӣ муайян карда шудааст;

- хусусиятҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити рақобат таҳлил гардида, муносибатҳои меъёрӣ низомбандӣ гардидаанд ва мундариҷаи онҳо дар заминаи рушди бозори ватании молҳои истеъмолӣ кушода дода шудааст;

- шиддатнокии рақобат дар бозори серсоҳаи молҳои истеъмолӣ асоснок гардида, мазмуну моҳияти омилҳои боздоранда ва мусоидаткунандаи рушди рақобат ошкор карда шудааст;

- асоси назариявии стратегияи рақобат ҳамчун модели умумии фаъолияти иқтисодӣ дар муҳити тағйирёбандаи бозор асоснок карда шуда, модели назариявии ташаккули стратегияи рақобатӣ таҳия гардида, самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ дар асоси такмили механизмҳои институтсионалӣ ва истифодаи имкониятҳои инноватсионӣ пешниҳод карда шудаанд.

Тамоми он навгониҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсия ворид гардидаанд ба талаботи шаҳодатномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мутобиқат мекунад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсия дар назди кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи иктисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2024 иҷро шудааст.

**Мавҷудияти санади татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**. Натиҷаи асосии назариявии диссертатсия дар мавзуи “Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” дар раванди таълими Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз фанҳои “Назарияи иқтисодӣ”, “Микроиқтисод”, “Иқтисодиёти савдо ва хӯроки омма”, “Менеҷменти стратегӣ” ва “Идоракунии рақобатпазирии корхонаҳо” истифода шудааст, ки бо санади татбиқ аз 31 декабри соли 2022, №893 (шаҳодатномаи татбиқ таҳти №893 аз 31 декабри соли 2022) тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд аз 23.02.2024, №20/1-7 (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти №20/1-7 аз 23.02.2024) татбиқ карда шудаанд.

Диссертатсияи Ҷамолиддинов С.Р., аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, замима, руйхати адабиёти истифодашуда, ки 186 номгӯйро дар бар мегирад, иборат аст. Кор дар 195 саҳифаи матни компютерӣ баён гашта, 20 ҷадвал, 20 расмро фаро мегирад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Интишороти довталаб ба талаботи сархати дуюми тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқат мекунад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 7 мақола дар

маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ оид ба мавзуи рисола 3,27 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқотӣ, таҳлилҳои оморӣ ва коркарди таҳқиқотҳо, истифодабарӣ аз нашрияҳо ва маҷмуаҳои омории мухталиф, ки ба муқаррароти илмӣ мувофиқ мебошанд, ташкил медиҳад. Натиҷаҳои муқаррароти асосӣ, хулосаву пешниҳодҳои овардашуда асоси илмии натиҷаҳои таҳқиқотиро инъикос менамоянд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд (бо забони аслӣ):**

**[1-М].** Джамолиддинов С.Р. Конкурентоспособность потребительской кооперации и направления его дальнейшего укрепления [Текст] / А. Абдугаффоров, С.Р. Джамолиддинов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) - Душанбе, 2012. - №2/6 (95), С.106 - 109 (0,15 п.л.) ISSN 2074 - 1847.

**[2-М].** Джамолиддинов С.Р. Элементы модели конкурентной стратегии развития потребительской кооперации [Текст] / Д.Н. Дадоматов, С.Р. Джамолиддинов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (научно-теоретический журнал) - Худжанд, 2013. №1(53), С.83-88 (0,25 п.л.) ISSN 2218-256X.

**[3-М].** Джамолиддинов С.Р. Процесс формирования конкурентных основ отраслевого рынка национальной экономики [Текст] / С.Р. Джамолиддинов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) - Душанбе, 2015. - №2/7(178), С.168-171 (0,19 п.л.) ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Джамолиддинов С.Р. Научные основы рыночного и

государственного регулирования конкуренции на рынке потребительских товаров [Текст] / С.А. Газибеков, С.Р. Джамолиддинов //. Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал) - Душанбе, 2022. - №4/1 (43), С.25-31 (0,37 п.л.) ISSN 2308-054X.

**[5-М].** Ҷамолиддинов С.Р. Эҳёи фазои рақобат дар бозори соҳавии кооператсияи матлубот [Матн] / С.Р. Ҷамолиддинов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ - Хуҷанд: нашриёти «Нури маърифат»-и МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», 2018. - №2(45), С.198-202 (0,25 п.л.) ISSN 2077-4974.

**[6-М].** Ҷамолиддинов С.Р. Баъзе ақидаҳо оиди рушди рақобат дар бозори соҳавӣ [Матн] / С.Р. Ҷамолиддинов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (илмҳои табиӣ) - Душанбе, 2021. - №1(10-11), С.48-55 (0,44 ҷ.ч.) ISSN 2707-9996.

**[7-М].** Ҷамолиддинов С.Р. Хароҷоти истеъмолӣ чун индикатори муайянкунандаи вазъи рақобат дар бозори соҳавӣ (натиҷаи таҳқиқи бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн] / С.А. Газибеков, С.Р. Ҷамолиддинов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-назариявӣ) - Хуҷанд, 2024. - №4(101), С.83-91 (0,5 ҷ.ч.) ISSN 3005-8023.

**2. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳои илмӣ (бо забони аслӣ):**

**[8-М].** Джамолиддинов С.Р. Дислокация звеньев торговли и их роль в конкурентной борьбе [Текст] / С.Р. Джамолиддинов // Сетевой бизнес и внутренняя торговля Украины и стран СНГ. Материалы V-й Международной научно-практической интернет-конференции, (г. Полтава, 15-16 апреля 2015 года), Полтава: ПУЭТ, 2015. С.95 -97 (0,125 ҷ.ч.).

**[9-М].** Джамолиддинов С.Р. Права собственности и конкуренция в отраслевом рынке потребительских товаров - простая олигополия [Текст] / С.Р. Джамолиддинов // Повышение надежности и использование сельскохозяйственных техники в комплексной агропромышленной области. Сборник научных статей. Материалы республиканской научно-практической конференции (Таджикский аграрный университет имени Шириншох

Шотемур, 17 сентября 2022 года), Душанбе, 2022. С.33-39 (0,375 ҷ.ч.).

**[10-М].** Джамолиддинов С.Р. Приоритетные направления повышения конкурентоспособности субъектов на рынке потребительских товаров [Текст] / С.Р. Джамолиддинов // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы применения зеленой энергии и энергосберегающих машин в отрасли механизации сельского хозяйства в условиях Республики Таджикистан» (Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шотемур, 04 ноября 2023 год), Душанбе, 2023. С.188-198 (0,625 ҷ.ч.).

**ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзуи "Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), пешниҳод гардидааст, ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзуи "Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), пешниҳод шудааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ баррасӣ шуда, баъди ислоҳи эродхо дар диссертатсия, инчунин бо назардошти фикру мулоҳизаҳои мусбии муҳақиқон, д.и.и., профессор Азимов А.Ҷ., н.и.и., дотсент Маҷидов А. ва н.и.и., дотсент Баратова Н. ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои баррасӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри

Хуҷанд аз 13 - юми марти соли 2025, тибқи суратмаҷлиси №8/1 бо иштироки мутахассиону олимони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар муҳокимаи диссертатсияи илмии унвонҷӯи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) Ҷамолиддинов С.Р., 23 нафар ширкат варзиданд, ки аз ин шумора 22 нафар ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд, аз ҷумла: 3 нафар доктори илм, 12 нафар номзади илм, 5 нафар муаллими калон ва 2 нафар ассистент буданд.

Натиҷаи овоздиҳии кушод: "тарафдор" - 22 нафар, "зид" - нест, "бетараф" - нест.

**Раисикунанда:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
назарияи иқтисоди ДИС ДДТТ **Абдулло-заде Н.Р.**

**Котиб:**
муаллими калони кафедраи
назарияи иқтисоди ДИС ДДТТ **Ғафурова Ф.К.**

Имзои Абдулло-заде Н.Р. ва Ғафурова Ф.К. - ро
тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДИС ДДТТ **Маҳмудов Ш.У.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 169, Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд. Телефон:+992 (3422) 6-03-21, E-mail: info@iet.tj; Сомонаи расмӣ: www.iet.tj

"18" 03 2025